# 164728 - Кай дуои намози истихора хонда мешавад?

**савол**

Ҳар гоҳ мусулмон намози истихора бихонад, оё дуои истихораро пас аз ташаҳҳуд ва пеш аз хориҷ шудан аз намоз мехонад ва ё пас аз саломи намоз?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Дар мавриди дуои истихора машрӯъ  ин аст, ки он бояд пас аз тамом шудани намоз хонда шавад. Ин дидгоҳи ҷумҳури донишмандон аст.

Дар "Ал-Мавсуъату-л-фиқҳия" (3/245) омадааст: Ҳанафиён, моликиён, шофеиён ва ҳанбалиён гуфтаанд: Дуо пас аз намоз хонда мешавад ва ин мувофиқи матни ҳадиси шарифест, ки аз расулуллоҳ (доруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид шудааст. Поёни сухан.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Барои мусулмон машрӯъ аст, ки ҳар гоҳ намози истихора бихонад, баъд аз саломи намоз дуо бихонад, зеро паёмбар (доруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар гоҳ яке аз шумо ба анҷом додани коре тасмим бигирад, ду ракаъат намозе ғайри фариза бихонад ва сипас бигӯяд: Аллоҳумма иннӣ астахирука биилмика... ».** Ҳадис.

Ин далолат мекунад, ки дуои истихора пас аз саломи намоз хонда мешавад".

Поёни сухан аз "Маҷмуъу-л-фатово" (11/389).

Аз донишмандони "Кумитаи доимӣ" (8/162) пурсиданд: Оё дуои истихора пеш аз салом ва ё баъд аз салом, пас аз хориҷ шудан аз намоз хонда мешавад?

Дар ҷавоб гуфтанд: "Дуои истихора баъд аз саломи намози истихора хонда мешавад". Поёни сухан.

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Дуои истихора баъд аз салом хонда мешавад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Пас ду ракъат намоз бихонад ва сипас бигӯяд».** Ва (баъди намоз) дуоро зикр намуд". Поёни сухан аз "Лиқоу-л-боби-л-мафтуҳ" (Рақами: 20).

Аллоҳ донотар аст.